«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
д.и.ҳ., профессор Раҳмон Д.С. ___________
«__13__» ___05___ с.2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодабарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08,00.03. - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

**1. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзуи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» нишон дод, ки он ба бандҳои 1; 7; 9; 11; 13; 19, ва 24 – и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 –Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат мекунанд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаи истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо тайи даҳсолаҳои охир барои иқтисодиёти аксарияти кишварҳои дунё нақши калидӣ дошта, дар таъмини рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақаҳои кишвар мавқеи муҳим дорад. Ҳамзамон, маҳдудияти захираҳои табиӣ ва беҳдошти вазъи экологии минтақаҳо ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Илова бар ин, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо аз сиёсати агроозуқаворӣ давлат, ки ба талаботи рузафзуни аҳолӣ бо маҳсулотҳои ғизои худӣ равона гардидааст, аз махсусгардонӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ ва коркарди саноатӣ ашёи хоми кишоварзӣ, ки ба таъмини ҷойҳои нави корӣ ва дар заминаи он паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва беҳдошти вазъи экологӣ нигаронида шудааст. Ҳалли масъалаҳои мазкур зарурати аз нигоҳи назариявӣ-илмӣ асоснок намудани баҳои самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқавориро дар минтақаҳои мамлакат тақозо менамояд.

Диссертант қайд менамояд, ки масъалаи истифодабарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ барои рушди иқтисодиёти аксарияти кишварҳои дунё муҳим ва дар мадди аввал боқӣ монда, тайи даҳсолаҳои охир ин муаммо ба яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Ҳатто чунин ақидае мавҷуд ҳаст, ки аз масъалаи истифодаи захираҳои табиӣ, бахасус захираҳои замину об ва омилҳои агробиологӣ ҳамчун унсури муҳими рушди устувори

минтақаҳо, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини озуқаи аз нигоҳи экологӣ тоза ва безарар вобастагӣ дорад.

Аз ин нуктаи назар, ҳалли мушкилоти овардашуда таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори озуқаворӣ дар минтақаҳо аз истифодаи оқилонаи захиравӣ-табиӣ, захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ, ташаккули кластерҳои агросаноатӣ дар минтақаҳо муҳим буда, мубрамияти таҳқиқоти илмиро муайян намуда, яке аз масъалаҳои рӯзмарра дар шароити иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад.

**3. Дараҷаи асоснокнамоии рисолаи илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудааст.**

Дар таҳқиқоти базавии анҷом додашудаи мактабҳои алоҳидаи илмӣ ва ҷанбаҳои методологии он инъикос ёфта, инчунин дар таҳқиқоти илмӣ самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо, принсипҳо ва хусусиятҳои минтақавии рушди бозори озуқаворӣ, таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ инъикос ёфтааст. Дар асарҳои илмии онҳо асосноккунии илмии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, аз ҷумла заминҳои кишоварзӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ асоснок карда шудааст.

Аз дисертатсия бармеояд, ки мақсади таҳқиқоти мазкур ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-услубии истифодабарии самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва пешниҳодҳои мушаххаси амалӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳо масҳуб меёбад. Барои ҳалли вазифаҳои он, унвонҷӯ нуктаҳои таҳқиқотро пешниҳод намуда, ҳалли онҳо бо навгониҳои илмии пешниҳод намудаи муаллиф мутобиқат намуданд. Аз нигоҳи муҳиммият ва мубрамии таҳқиқот дар диссертатсияи мазкур объекти таҳқиқот, мавзуъ, масъалаҳо ва услубҳои омузиши он муайян ва пешниҳод карда шудааст.

Ноил шудан ба мақсаду вазифаҳои дар назди рисолаи илмӣ гузошташуда, аз усулҳои зерин, ба мисли: усули монографӣ, таҳлили оморӣ, риёзӣ-иқтисодӣ, демографӣ-қиёсӣ ва таҷрибавӣ-озмоишӣ муаллиф истифода бурдааст.

Дар раванди шиносоӣ кори илмӣ маълум шуд, ки муаллиф Ҷ. Қ. Расулов хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ кор намуда, мустақилона бо далелҳо ва факту рақамҳои оморӣ вобаста ба мақсади таҳқиқоти худ гирд оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**4. Саҳеҳӣ ва навгонии илмии таҳқиқот ва натиҷаҳои ба дастовардашуда**

**Мақсади таҳқиқоти мазкур** - ин омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва системавии истифодбарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои Хатлон масҳуб меёбад.

**Навгониҳои таҳқиқоти дисертатсионии мазкур** дар асоснокнамоии паҳлуҳои назариявӣ-методологӣ оид ба баланд бардоштани истифодабарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо ва дар заминаи таъмини бехатарии озуқаворӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо натиҷаҳои нисбатан муфидӣ ба арзиши навгонии пешниҳодшуда дар мавридҳои зерин баён гардиданд:

- дар заминаи андешаҳои мухталифи мактабҳои гуногуни илмӣ таърифи муаллиф оид ба мафҳуми «иқтидори захиравӣ-табиӣ» оварда шудааст, ки он ба таъмини маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза ва безарари маҳсулотҳои озуқаворӣ, коркарди саривақтии саноатӣ ашёи маҳсулотҳои ғизоӣ, таъмини истиқлолияти комили озукаворӣ ва баланд бардоштани вазъи иҷтимоии аҳолӣ нигаронида шудааст;

- принсипҳо ва функсияҳои асосии баҳои самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳо пешниҳод карда шудааст, ки он ба таъмини аҳолӣ бо ғизоҳои асосии хушсифат ва дастрас ба онҳо бо назардошти хусусиятҳои соҳавии истифодаи самаранокии заминҳои кишоварзӣ, ки ҳамчун омили муҳимми таъмини бехтарии озуқаворӣ баромад мекунад;

- таҷрибаи кишварҳои рушкардаи иқтисодӣ дар ҷодаи истифодабарии самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои аосии бехатарии озуқаворӣ дар минтақаи оварда шудааст, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва аз нигоҳи экологӣ тозаи ғизоҳои истеъмолӣ ва сатҳу сифати зиндагии шоситаи мардум равона мегардад.

- усулҳо ва самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани истифодаи самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо пешниҳод гардидааст, ки ба таъмини озуқаи ватанӣ, ҳавасмандии молиявии истеҳсолкунандагони худӣ, ташакули бозори озуқаворӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои замини кишти кишоварзӣ ва беҳдошти муҳити зисти аҳолӣ равона карда шудааст;

- танзими давлатии рушди соҳаи кишоварзӣ ва истифодаи оқилонаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, бо назардошти аз худ намудани заминҳои кишоварзии наздикӯҳӣ ва кӯҳӣ, беҳдошти вазъи экологии захираҳои замин, дастгирии молиявии истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои тозаю безарар ва ҷалби сармояҳои ватанӣ ва хориҷӣ ба рушди минтакаҳои агросаноатӣ равона карда мешавад;

- пешниҳоди модели самараноки истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои Хатлон, ки ба баланд бардоштани истифодаи самараноки заминҳои мавҷудаи кишоварзӣ, таъмини бехатарии иқтисодӣ, баланд бардоштани вазъи иҷтимоии мардум ва рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоии минтақа нигаронида шудааст.

**5. Аҳамияти илмӣ-амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои бадастовардашуда дар диссертатсия.** Аҳамияти назариявӣ-амалии рисолаи илмӣ мумкин аст, ки дар мақомотҳои давлатӣ ва маҳаллии вилояти Хатлон, ки ба истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва рушди иқтисодиёти минтақа равона карда шудааст, истифода бурда шаванд. Баъзе аз тавсияҳои илмӣ-амалии он метавонад дар сохторҳои дахлдори давлатӣ ва минтақавӣ оид ба идоракунии захираҳои замину обии кишоварзӣ мавриди истифода қарор гирад. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар минтақаҳои кишвар ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ истифода бурда шавад. Баъзе аз ҷанбаҳои методологии он

ҳангоми баҳои самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзӣ, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ ва истиқлолияти комили он равона гардидааст, ба баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мусоидат намояд.

**6. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои рисолаи илмӣ** дар мубрамӣ, эътимоднокӣ, дақиқӣ ва дастарсии миқдори маводҳои таҳқиқот, таҳлили омории натиҷаҳои онҳо ва интишороти муаллиф тасдиқ мегардад. Дар диссертатсияи мазкур, дар базаи маълумотҳои аниқи оморӣ ва соҳавию минтақавӣ таҳлили истифодабарии самаранокии иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини аҳолӣ бо маводҳои озуқавории тоза ва безарар, омӯзиши назария, услуб ва амалияи истифодаи он асоснок мегардад. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф ва факту рақамҳои оморӣ, ҳисоботҳои вазорат, ташкилоту идораҳои дахлдор, ки ба мавзуи рисолаи илмӣ дахл доранд, асоснок гардидааст. Пешниҳодҳои алоҳидаи муаллиф бо натиҷаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар таҷрибаи хоҷагидорӣ асоснок карда шудааст.

**7. Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ дар таҳқиқоти мазкур.**

Марҳилаҳои таҳқиқоти илмии мазкур бо иштироки бевоситаи худи муаллиф, сар карда аз интихоби мавзуъ, асоснокнамоӣ, мақсаду хадафҳо, мубрамият ва рузмарагии рисолаи илмии мазкур иҷро гардидаст. Дар раванди омӯзиши таҳқиқот пешниҳодҳои мушаххаси муаллиф оид ба шаклу усулҳои дастгирии давлатии соҳаи кишоварзӣ ва истифодабарии оқилонаи заминҳои кишти кишоварзӣ дар минтақаи таҳлилшаванда, ки ба таъмини бехатарии озуқаворӣ, беҳтаршавии вазъи иҷтимоӣ-деморафии аҳолӣ ва рушди устувори минтақаи мазкур равона карда шудаанд. Пешниҳоди алоҳидаи муаллиф оид ба натиҷаи рисолаи илмӣ ба ҳимоя пешниҳод гардида, мутобиқат намуда, навгони илмӣ ва истифодаи амалии он аз манфиат холӣ нест.

**8. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муқарраroти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конфронсҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ тайи солҳои 2021-2024 маъруза гардида, аз тарафи иштирокунандагони он қобили қабул шуморида шудаанд.

Муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 10 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 6 мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда шомил буда, нашр шудаанд.

Мазмуни пурраи диссертатсия, унсурҳои навгонии илмӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот ба пуррагӣ дар автореферат ва мақолаҳои чопшудаи муаллиф инъикос ёфтаанд.

**9. Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, пешниҳодот ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат буда, муҳтавои кор дар 181 саҳифаи матни компютерӣ баён гардидааст, ки шомили 21 ҷадвал, 1 диаграмма ва 7 расм мебошад. Феҳристи адабиёти истифодашуда номгӯи сарчашмаҳои мавриди

истифода қарор гирифта, аз ҷумла муаллифони ватанӣ ва хориҷиро дар бар мегирад.

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи азхудшудаи масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методӣ, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум «Асосҳои назариявии таҳқиқи самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақа»** - ҷанбаҳои назариявӣ-услубии самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа, масъалаҳои рушди комплекси агросаноатӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқа ва таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оиди ба самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ, инчунин имкониятҳои истифодаи он дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ баён гардидааст. (саҳифаи 15-65)

Диссертант қайд менамояд, ки масъалаи самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва дар заминаи он таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа барои иқтисодиёти тамоми кишварҳои дунё муҳим буда, тайи даҳсолаҳои охир ин муаммо ба яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ва рӯзмарра дар сатҳи байналмилалӣ ва минтақавӣ табдил ёфтааст. Аз ин лиҳоз, таъмини бехатарии озуқаворӣ дар қатори дигар вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва характери истеҳсолӣ дошта, яке аз самтҳои асосии рушди иқтисодиёти минтақаҳои кишвар маҳсуб меёбад.

«Иқтидори захиравӣ-табиӣ» ҳамчун ҷамъи захираҳои табиӣ, ки барои истифода дар минтақаи мазкур ва азхуднамои захираҳои нав бо назардошти омилҳои табиӣ-иқлимӣ, соҳавӣ ва хусусиятҳои минтақавии рушди он муайян карда мешавад. Агар аз нигоҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои ғизоӣ ва дастрасии аҳолии минтақа бо озуқа дар дилхоҳ вақт ва бо миқдори зарурӣ ва ҳаҷми лозима барои дастгирии сатҳи зиндагӣ ва саломати мардум равона мегардад.

Иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун унсури муҳимми иқтисоди минтақа яке аз нишондиҳандаҳои асосии таъмини бехатарии озуқаворӣ зарурати ҷустуҷӯ ва роҳҳои ҷори намудани нави рушди кишоварзӣ, сохтори оптималии истифодаи захираҳои замин, ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии соҳаҳои комплекси агросаноатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин хотир, масъалаи самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ тамоми кишварҳои дунё муҳим буда, тайи даҳсолаҳои охир бо чунин бархурдҳои инсоният, ба мисли: рушди афзоиши аҳолӣ, таназуллёбии экосистемаҳои минтақавӣ, паст шудани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ ва ғайра рӯ ба рӯ гаштааст. Ҳар як ин омили қайдгардида дар рушди иқтисодиёти минтақавӣ нақши калон мебозад.(саҳифаи 33-40)

Ба андешаи муаллиф, дар таъмини бехатарии озуқаворӣ нақши сиёсати аграрӣ хеле калон мебошад. Дар минтақаҳое, ки миқдори зиёди маводи озуқаворӣ аз ҳисоби захираҳои худӣ истеҳсол карда мешавад, фаъолияти мақомоти давлатӣ бояд ба дастгирии соҳибкорони ватанӣ, ки

ба истеҳсол, коркард ва фурӯши маҳсулоти озуқаворӣ машғуланд, бештар дода шавад. Ҳангоми таъмини бехатарии озуқаворӣ зарур аст, ки ҳамаи унсурҳои бехатарии иқтисодӣ дар маҷмӯъ, аз ҷумла истеҳсол ва истеъмоли маҳсулотҳои аз нигоҳи экологӣ тоза, вобаста ба меъёри физиологӣ ба назар гирифта шавад.

**Дар боби дуюм «Таҳлил ва ҳолати истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон»** таҳлили вазъи истифодаи захираҳои замин дар минтақаҳои вилояти Хатлон, ҳолати бозории дохилии озуқаворӣ ва вазъи арзёбии сатҳи таъмини бехатарии озуқаворӣ ва баҳои сатҳи бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои агросаноатӣ баррасӣ гардидааст. (саҳифаи 66-107)

Дар шароити муосир дар минтақаҳои ҷумҳурӣ яку якбора паст гардидани шуғли меҳнат, сатҳи бекорӣ ва музди меҳнат ба назар мерасад, ки он ба коҳиш ёфтани талаботи аҳолӣ ба маводи озуқаворӣ ва камшавии истеъмолӣ оварда расонидааст. Дар навбати худ, сатҳи худтаъминкунии озуқаворӣ бояд ба пурра қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба ғизои хушсифат ва ҳаҷми зарурӣ мусоидат намояд. Бо назардошти гуфтаҳои боло, аз нигоҳи муаллиф, таҳлили ҳолати истифодаи истифодаи захираҳои замину об ва самаранокии рушди соҳаи кишоварзӣ бо мақсади муайян намудани талаботи аҳолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ ва дурнамои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ минтақаҳо зарур мебошад.

Қайд кардан зарур аст, ки афзоиши аҳолӣ дар минтақа ба норасоии маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ва сифати пастшави онҳо оварда мерасонад. Дар шароити кунунӣ норасоии маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон бо назардошти меъёри физиологӣ аз 20 то 60%-ро ташкил медиҳад ва истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи кишоварзӣ, ба мисли: гӯшт, шир ва тухм ҳамасола 8,7, 25,4 ва 5,7%-и талаботи аҳолии минтақаро ташкил медиҳад, ки он ҳамазамон талаботи дохилии аҳолиро таъмин карда наметавонад. (саҳифаи 67-75)

Дар минтақаҳои Хатлон сатҳи истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзӣ ва истеъмоли озуқа ба меъёри истеъмолӣ ҷавобгӯ нест, ки онро бо якчанд сабабҳо шарҳ додан мумкин аст:

- зиёд гардидани талаботи истеъмолӣ дар минтақа, ки бо сабаби афзудани номгӯи маҳсулоти озуқаворӣ вобаста мебошад. Мувофиқи маълумоти ташкилоти ФАО, ин рақам то соли 2025 метавонад қариб ба 3000 ккал/одам дар як рӯз расида, ҳоло он ки дар шароити кунунӣ 2409 ккал/одам баробар мебошад;
- маҳдудияти иқтидори захиравӣ-табиӣ, бахусус камшавии заминҳои кишти кишоварзӣ, Дар шароити кунунӣ дар минтақа вай ба ҳар сари аҳолӣ ба 0,10 га ва заминҳои обӣ ба 0,05 га рост меояд, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса бо дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле паст мебошад;
- паст шудани ҳосилнокии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва ғайрисамаранок истифодабарии захираҳои замину об. Дар баъзе ноҳияҳои вилояти Хатлон хеле паст мебошад;
- баланд гардидани сатҳи талаботи аҳолӣ ба озуқаворӣ дар минтақа, ки бо воридоти маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва қафомонии

истеҳсолоти ватанӣ, бахусус корхонаҳои коркарди саноатии ашёи хоми кишоварзӣ рабт дорад;

- танзими ғайрисамараноки бозори озуқаворӣ дар минтақа ва дар сатҳи лозими таъмин нагардидани аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣи ватанӣ ва ғайра.

**Дар боби сеюм «Самтҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар минтақаҳои вилояти Хатлон»** муаллиф ба масъалаҳои танзими давлатии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, оқилона истифодабарии заминҳои кишоварзӣ - ҳамчун омили муҳими таъмини бехатарии озуқаворӣ ва коркарди модели баҳои самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш қарор додааст. (саҳифаи 108-158)

Дар рисола мақоми давлат дар татбиқи амалии таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақа қайд карда шудааст, ки он хеле бузург мебошад, чунки маҳз вай аҳолии минтақаро бо маҳсулоти хушсифати озуқаворӣ ва рушди устувори минтақаро таъмин менамояд. Зарурати дастгирии давлатии таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди бозори дохилии озуқаворӣ, пеш аз ҳама ба баланд бардоштани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии озуқаворӣ ва сатҳу сифати зиндаги аҳолӣ равона карда шудааст. (саҳифаи 110-125)

Истифодаи механизмҳои мазкури дастгирии давлати самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ дар минтақаҳои вилоят ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои озуқаворӣи безарари экологӣ, татбиқи чораҳои амалӣ барои ташкили шароитҳои мусоиди таъмини истиқлолияти озуқаворӣ ва рушди устувори минтақа мусоид менамояд. Илова бар ин ҳуқуқи истеҳсолкунандагони кишоварзӣ барои истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ аз нигоҳи иқтисодӣ-иҷтимоӣ бояд дар сатҳи баланд таъмин карда шуда, дар шароити рушди ҳамгироӣ ва кооператсияи истеҳсолӣ, ҷори намудани технологияи нав, зарур аст, ки истеҳсоли ҳарчӣ зиёди зироатҳои кишоварзӣ ва ташаккули кластерҳои агросаноатиро ба роҳ монем.

Дар хулоса ва пешнинодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқоти кори илмӣ ҷамъбаст гардидаанд. (саҳифаи 159-160)

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсия дар асосӣ талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсиҳо ва авторефератҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ, мақолаҳои илмӣ ва монографияҳои тақризшаванда” омода гардида, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ, навгониҳои таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натаҷаҳо, мутобиқати диссертасия ба шиносномаи интисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба таври мукаммал

моҳияти диссертатсияро дар бар гирифта, асосҳои илмӣ ва амалии онро дар сатҳи зарурӣ инъикос менамоянд.

Таҳқиқоти диссертасионии унвонҷӯ аз он нуқтаи назар қобили дастгирӣ мебошад, ки дар шароити имрӯза барои татбиқи яке аз хадафҳои стартегии кишвар, ки таъмини бехтарии озуқаворӣ буда, коркардҳои ӯ дар масъалаи самаранок истифодабарии иқтидори захиравӣ-табиӣ минтақаҳо мувофиқи мақсад мебошад.

**11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия.**

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои судманд диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва хатогиҳое, ки хусусияти ҷузъи доранд холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии диссертасияро коста намегардонад. Ба инобат гирифтани онҳо барои таҳқиқотҳои оядаи диссертант хеле муҳим мебошад:

1. Дар таҳқиқоти илмӣ муаллиф нуқтаи назари як қатор олимону коршиносони соҳаро мавриди баррасӣ қарор додааст, ки дар ин миёни онҳо нуқтаи назари олимони ватанӣ дар самти мазкур ба андешаи мо камтар ба назар мерасад. Унвонҷӯ бурди калон мекард, ки агар нуқтаи назари олимони ватаниро вобаста ба мавзуи баррасишаванда бештар мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор медод.

2. Сифати кор беҳтару хубтар мешуд, агар муаллиф нишондиҳандаҳои экологӣ-иқтисодии самаранокии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ, бахусус заминҳои кишти кишоварзиро баҳогузорӣ менамуд ва дар шакли ҷадвал онро баҳогузорӣ ва дар мисоли хоҷагӣ ё ноҳияи мушаххаси минтақаи Хатлон натиҷагирӣ менамуд.

3. Дар боби 1.2., расми 1.3. саҳифаи 21-и диссертатсия сохтори функсионалии истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ дар шароити минтақа оварда шудааст. Ба андешаи мо, баъзе унсурҳои ин сохтор ба мисли: вазъи иҷтимоӣ-демографии аҳолӣ, ҷалби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ба рушди минтақа; ташаккули кластерҳои агросаноатӣ ва ғайра аз назари он кас камтар дур мондааст.

4. Дар боби 3, зербоби 1.3. унвонҷӯ таҳлили таҷрибаи хориҷӣ оид ба самараноки истифодаи иқтидори захиравӣ-табиӣ ва таъмини бехатарии озуқаворӣ ва имкониятҳои истифодаи онро дар шароити минтақаҳои ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Муаллиф бурд мекард, агар таҷрибаи кишварҳоеро, ки бештар барои ҷумҳурии мо муфид ва имконияти истифодабариашон бештар мебошад.

5. Дар кори илмӣ дар баъзе ҳолат норасоиҳо ва нофаҳмогӣ дар шаҳру тавсири диаграмма ва ҷадвалҳо дида мешавад. Хуб мешуд, ки агар ин масъалаҳо ба таври дигар ифода мегардид ё унвонҷӯ онро моҳиятан васеътар тафсир медод, арзиши рисолаи илмӣ боз ҳам баландтар мешуд.

6. Дар матни диссертатсия камбудиҳои имлоӣ ва грамматикӣ низ мушоҳида мегардад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро инъикос намудааст.

**12. Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки Расулов Ҷовид Қурбонович дар мавзӯи «Истифодаи самараноки иқтидори захиравӣ-табиӣ ҳамчун омили таъмини бехатарии озуқаворӣ дар сатҳи минтақаҳо (дар мисоли вилояти Хатлон)» барои даёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03.- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ба талаботҳои КАО - и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Расулов Ҷовид Қурбонович ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи номзадӣ аз руйи ихтисоси 08.00.03.- Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ мувофиқат намуда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси номбурда мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ ва муҳокима карда шудааст. (протоколи № 9 аз 25 апрели соли 2024).

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, зид – нест, бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.
дотсенти кафедраи назарияи
иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Маҳмудов Баҳриддин Нуриддинович

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в.
дотсенти кафедраи назарияи
иқтисодии ДДК ба номи А. Рӯдакӣ — Сафаров Аъзамҷон Аҳмадхонович

**Котиб:**
доктори фалсафа (PhD), кафедраи
назарияи иқтисодии ДДК ба номи
А. Рӯдакӣ — Асоев Илҳом Зикриёевич

Имзои н.и.и., и.в. дотсент Маҳмудов Б.Н., н.и.и., и.в. Сафаров А.А. ва доктори фалсафа (PhD), Асоев И.З. тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи Давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ — Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров 16, Донишгоҳи
Давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ,
тел: (+992) 985905990, E-mail: mmirsaidov@mail.ru